- ценности, связанные с социализацией и культурной самореализацией личности, выражающимися через взаимосвязь потребностей и интересов этнических групп;

- нравственная ответственность, как характеристика определѐнности этноса и качественности его системы.

6. Рассмотрение отдельных личностных способностей в процессе воспитания нравственной ответственности у подростка описано нами, как:

- конечная цель и степень воспитанности нравственных ценностей (совесть, долг, чувство ответственности, любовь к Родине, гражданственность, патриотизм, терпение, милосердие, способность различать добро и зло и т.д.);

- фундамент формирования нравственных ценностей подростка, семьи с еѐ педагогическим потенциалом;

- целенаправленно созданный процесс взаимовлияния родителей и подростков;

- определение вопросов воспитания нравственной ответственности у подрастающего поколения с применением его характерных особенностей (задействование педагогического потенциала семьи);

- личностные психолого-педагогические качества родителей, их способности, взаимодоверие, открытость контакту. Все это связано с эмоциональной культурой, уровнем образованности родителей;

7. Подтверждено, что построение процесса нравственного воспитания подростка на основе народных традиций способствует формированию

личностных качеств родителей (не всегда положительных) при воспитании нравственной ответственности подрастающего поколения:

- чувство тревожности, неврастения, раздражение;

-переменчивость самооценки;

-низкий порог самокритичности;

- неустойчивость психоэмоционального состояния;

- неполноценное восприятие позиции ребенка, как субъекта нравственных ценностей и ответственности;

-превалирование авторитарного стиля в отношениях со своим подростком.

8. По результатам опытно-экспериментальной деятельности разработан модуль на концептуальной основе структурно-функциональной модели личностно-ориентированного (воспитание индивидуальных качеств) системного и деятельностного принципов.

В теоретическое содержание модуля включены таджикские народные традиции и педагогический опыт и нравственные резервы семьи, задействованные в воспитании нравственных ценностей.

9. Интеграция педагогического резерва семьи с нравственной ответственностью в воспитание подростка в ходе исследование выявило, что эффективность проведенной работы в процессе эксперимента зависит от существенных изменений на уровнях воспитания нравственной ответственности у подростка, педагогического влияния семьи. К этим изменениям можно отнести - элементарный рефлексивный и понятийный уровень внедрения потенциала;

- повышение ситуативного уровня нравственной ответственности;

-при воспитании нравственной ответственности у подрастающего поколения выявлен низкий уровень семейных возможностей при превалировании эмпирического уровня.

10. Представленное исследование подтвердило выдвинутую гипотезу и экспериментально показало, что:

- народные традиции таджиков и педагогический резерв семьи полноценно меняют нравственную ответственность в ходе создания стимула к нравственно-ответственному поведения подростка;

- организация и повышение количества воспитывающих ситуаций, внедрение подростка в процесс решения вопросов по нравственной ответственности содействует появлению личностного смысла;

- создание и интегрирование программы воспитания нравственной ответственности у подростка в практику- один из положительных факторов

влияния на процесс изучения родителями методов и форм взаимосвязи с подростком;

11. Итоги представленного исследования показывают, что:

- выявлены особенности влияния средств таджикской народной педагогики на семью.

-в ходе формирования нравственной ответственности у подростков были выделены особенности воспитания, базирующегося на таджикской народной педагогике и нравственно- педагогическом резерве семьи.

***Рекомендации по реализации результатов исследования на практике:***

1. Как показали итоги проведенного педагогического анализа и опытно-экспериментального исследования, подростковый возраст выступает важной гранью между двумя возрастными периодами. Эта значимость у подростка в первую очередь связана с поиском и самореализацией. И только непосредственная поддержка взрослого, поможет подростку правильно самоопределиться, выбрать нравственные ориентиры, среди которых нравственная ответственность займет не последнее место. Именно этот возраст демонстрирует нацеленность подростка на самовыражение, самоориентацию и самопоиск. В таких спорных ситуациях семья становится источником формирования его нравственных качеств и ответственности.

Опираясь на полученные результаты, была осуществлена попытка предложить следующие рекомендации:

- нравственная ответственность подростка и его мотивация к такому поведению должно непрерывно формироваться в семье;

- привлечь подростков к ситуациям, способствующие формированию личностного понимания их ответственности в семье и в школе;

- семьи и современные образовательные учреждении должны активно определять и осуществлять эффективные системы мер для создания нравственной среды средствами народных традиций и обычаев в условиях глобализации.

- адаптировать и интегрировать программу спецкурса и тренинга для родителей «Воспитание нравственной ответственности у подростка»;

-методику «Учитель - Эффективный родитель», в помощь семьям и родителям (занятым в разных профессиональных областях), нацеленную на развитие педагогического потенциала семьи, реализовывать на практике.

Для их апробации рекомендуется проведение тренингов. Следует отметить, что проведенное диссертационное исследование и его результаты показали, что особое влияние на формирование нравственных ценностей оказывает применение средств таджикской народной педагогики и педагогического потенциала семьи.

## ОСНОВНЫЕ ПОЛОЖЕНИЯ ИССЛЕДОВАНИЯ ОТРАЖЕНЫ В СЛЕДУЮЩИХ ПУБЛИКАЦИЯХ АВТОРА:

**А) Научные статьи в периодических изданиях, рекомендованных ВАК при Президенте Республики Таджикистан:**

[1-А] Чобулова Н. Формирование нравственных качеств в семье. // Вестник Педагогического университета. - Душанбе, 2015. №4 (65). – С. 29-32.

[2-А] Нуров А., Чобулова Н. Роль народной педагогики в формировании нравственных ценностей подростков в семье. // Вестник Педагогического университета. - Душанбе, 2017.№1-2, (68-69). - С.3-6.

[3-А] Нуров А., Чобулова Н. Некоторые вопросы нравственного воспитания подростков в семье. // Вестник Педагогического Университета. - Душанбе, 2020. №3 (3). - С.11-14.

[4-А] Чобулова Н. Влияние глобализации на нравственность подрастающего поколения и молодѐжи в семье. // Вестник Педагогического Университета. - Душанбе, 2020. №3 (3). С.222-225.

[5-А] Чобулова Н. Влияние отца на воспитание подростков в семье при глобализации. // Вестник Педагогического университета. - Душанбе, 2022. №3 (13). С.168-174.

[6-А] Чобулова Н. Влияние социальных сетей на нравственное воспитание подростков и молодежи. //Вестник Института развития образования. № 1 (41). С.29-33. Душанбе, 2023.

[7-А] Чобулова Н. Проблема межличностных отношений подростков в обществе. //Вестник Института развития образования. № 2 (42). С. 140-144. Душанбе, 2023.

***Б) Другие публикации по теме диссертационного исследования:***

[8-А] Чобулова Н. Сабабҳои шаклгирии якравӣ дар хурдсолон. Маҷаллаи «Субҳи Умед» №5-6. С.16-19. 2011.

[9-А] Чобулова Н. Роҳҳои бартараф намудани хислати худбинӣ дар кӯдакон. Маҷаллаи «Субҳи Умед», 2013, №5, №6. - С.10-12. - С.12-14.

[10-А] Чобулова Н. Нақши оила дар тарбияи насли наврас дар шароити ҷаҳонишавӣ. // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Проблемаи тарбияи оилавии тарбияи насли наврас дар шароити ҷаҳонишавӣ». - Душанбе, 2013. - С.24-28.

[11-А] Чобулова Н. Мақоми Ян Амос Коменский дар тарбияи томактабӣ. // Мавод.конф. илмӣ-ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Нақши зан дар инкишофи илм ва таҳсилот». - Душанбе, 2014. - С.3-5.

[12-А] Чобулова Н. Хусусиятҳои зоҳиршавии худбинӣ (эгоизм) дар хурдсолон ва асосҳои педагогӣ-психологии он. // Маҷаллаи «Масъалаҳои маориф» - Душанбе, 2014.№6. - С.30-33.

[12-А] Чобулова Н. Нақши фаъолиятҳои якҷоя дар бартарафкунии хислати худбинӣ дар кӯдакон. // Маҷаллаи «Субҳи Умед» №5. С.20-23. Душанбе, 2015.

[13-А] Чобулова Н. Коменский ва мақоми ӯ дар инкишофи педагогикаи умумибашарӣ. // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Проблемаи тарбияи оилавии тарбияи насли наврас ва ҷавонон дар шароити ҷаҳонишавӣ». Душанбе, 2015. - С.35-41.

[14-А] Чобулова Н. Нравственное воспитание в семье. Мавод.конф.илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Нақши педагогикаи халқӣ дар эҳёи ҳунарҳои мардумӣ». С.259-265. Душанбе, 2018.

[15-А] Чобулова Н. Семья и нравственное воспитание подростков в современных условиях. // Мавод.конф.илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Нақши педагогикаи халқӣ дар эҳёи ҳунарҳои мардумӣ». Душанбе, 2018. - С.14-17.

[16-А] Чобулова Н. Причины возникновения эгоизма у детей в семье. Мавод.конф.илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Хушунат дар оила». - Душанбе, 2019. - С.87-90.

[17-А] Чобулова Н. Мақоми афсонаҳои халқӣ дар тарбияи ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ. // Маводи конференсияи илмӣ-амалии донишгоҳӣ дар мавзӯи «Таҳсилоти томактабӣ, таҷриба, анъана ва навгониҳо». Душанбе, 2019. - С.37-40.

[18-А] Чобулова Н. Ҳамкории оила, мактаб ва аҳли ҷомеа дар тарбияи насли наврас. // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Рушди таҳсилоти томактабӣ дар 30 соли истиқлолият». Душанбе, 2021. - С.305-308.

[19-А] Чобулова Н. Заминаҳои ташаккулёбии сифатҳои иродавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ. // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Рушди таҳсилоти томактабӣ дар 30 соли истиқлолият». Душанбе, 2021. - С.165-169.

[20-А] Чобулова Н. Муносибатҳои байнишахсӣ дар байни наврасон. // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Нақши ниҳодҳои иҷтимоӣ дар таъмини солимии психологии насли ояндасоз». Душанбе, 2022. - С. 392-401.

[21-А] Чобулова Н. Тарбияи ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ. // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Ташаккули қобилияти зеҳнии кӯдакон дар замони муосир». - Душанбе, 2022. - С. 208-213.

[22-А] Чобулова Н. Ҳамкории психологи мактаб бо оила дар тарбияи насли наврас. Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар

мавзӯи «Асосҳои илмӣ-амалии фаъолияти психолог дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». С.106-108. Душанбе, 2023.

[23-А] Чобулова Н. Мушкилоти тарбияи наврасони душвортарбия дар шароити кунунӣ. Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои мубрами тарбияи хонандагони душвортарбия». С. Душанбе, 2023.

[24-А] Чобулова Н. Мақоми оила, мактаб ва аҳли ҷомеа дар инкишофи ҳаматарафаи наврасон ва ҷавонон. Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи: «Масъалаҳои иҷтимоӣ-психологии оилаи муосир ва роҳҳои таъмини устувории он». С.683-691. Душанбе, 2023.

[25-А] Чобулова Н. Таъсири муҳити иҷтимоӣ ба ташаккули шахсияти наврасон. Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи: «Масъалаҳои иҷтимоӣ-психологии оилаи муосир ва роҳҳои таъмини устувории он». С.692-700. Душанбе, 2023.

[26-А] Чобулова Н. Роҳҳои паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ. Конференсияи байналмилаллии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи: «Мактаби муосир ва проблемаи таҷрибаи пешқадами педагогӣ». С.134-138. Душанбе, 2023

[27-А] Чобулова Н. Роль преподавателя в формировании нравственных качеств подрастающего поколения. Международная научно-практическая конференция на тему: «Современная школа и проблемы передовой педагогической практики». С.203-205. Душанбе, 2023

[28-А] Чобулова Н. Мақоми омӯзгор дар осори мутафаккирони шарқ. Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Омӯзгор-проблемаҳои таҳсилоти муосир». С.141-152. Душанбе, 2024

[29-А] Чобулова Н. Проблема изучения науки, знания и профессии в трудах таджикских мыслителей. Международный научный журнал «ENDLESS LIGHT SCIENSE». №2. Almaty, Kazakhstan 2024. С.117-123

[30-А] Чобулова Н. Проблема нравственного воспитания в трудах восточных мыслителей. Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Нақш ва аҳамияти хадамоти психологӣ дар муассисаҳои таълимӣ дар пешбурд ва рушди раванди таълиму тарбия». С.232-237. Душанбе, 2024

[31-А] Чобулова Н. Масъалаи омӯзиши илму дониш ва касбу ҳунар дар осори мутафаккирони шарқ. Маводи конференсияи илмӣ-байналмилалии методӣ дар мавзӯи «Асосҳои назариявӣ-методологии омодагии касбӣ-методии омӯзгорони оянда дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи олии касбӣ тавассути технологияи муосир». Душанбе, 2024

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОХИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН**
**БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**ТДУ: 37.01+37.034:327(573.3)**
**ТКБ: 74.200+74.200.53 (2 тоҷик)**
**Ч -75**

**ЧОБУЛОВА НАРГИЗА МЕМОНДУСТОВНА**

# ТАШАККУЛИ МАСЪУЛИЯТИ АХЛОҚИИ НАВРАСОН ДАР ХОНАВОДА БО ИСТИФОДА АЗ АНЪАНАҲОИ ТОҶИКӢ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

**Ҳимояи такрорӣ**

**АВТОРЕФЕРАТИ**
**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

**ДУШАНБЕ-2025**

Диссертатсия дар кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоии факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Нурзода Абдулбоқӣ** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоии факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» |
| | **Шарифова Лайлӣ Абдуллоевна** - номзади илмҳои педагогӣ, проректор оид ба тарбияи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода |
| **Муассисаи пешбар:** | **Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав** |

Ҳимояи такрории диссертатсия 16 апрели соли 2025, соати $15^{00}$ дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (734024,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия ва автореферат дар китобхона ва сомонаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (www.aot.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат “___” ___________ соли 2025 тавзеъ карда шуд.

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои педагогӣ** **Б. Муҳиддинзода**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот** дар он аст, ки дар шароити кунунии рушди рӯзафзуни ҷомеа ба тарбияи насли наврас талаботи бештар изҳор карда мешавад. Дар солҳои охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои барқарор намудани анъанаҳои тарбияи масъулиятшиносии миллӣ дар хонавода ва ҷомеа таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд. Дар ин робита бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2011 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ҳоло Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак” аз 20 июни соли 2024 (таҳти №2049) қабул гардид.

Дар шароити рушди ҷомеаи муосири тоҷик мушкилоти маориф дар маҷмӯъ, инчунин тарбияи идеалҳои муайян вазифаи мураккаб ва баҳсбарангез буда, иштироки фаъолонаро дар нигоҳ доштани масъулияти ахлоқӣ нисбат ба ҷаҳон ҳамчун арзиши умумибашарӣ тақозо мекунад. Пӯшида нест, ки раванди ташаккули арзишҳо (маънавӣ ва ахлоқӣ) маҳз дар хонавода сурат мегирад ва ин барои тарбияи наврасон, ки психикаи ноустувори ахлоқӣ ба онҳо хос буда, барои рушди шахсияти онҳо замина мегузорад, аҳамияти басо назаррас дорад. Потенсиали педагогии падару модарон, ки қобилият, дониш ва маҳорати шахсии онҳо, инчунин хусусиятҳоеро, ки онҳо дар татбиқ ва оптимизатсияи раванди таълим, ҳолати ахлоқию равонии фарзандони худ доранд, муайян мекунад, ҳамчунон нақши муҳим мебозад. Баланд шудани талабот ба сифати раванди таълим ва масъулияти падару модар, аз нигоҳи наврас, ба нуфузи хонавода (ташаккули арзишҳои ахлоқӣ) таъсири манфӣ мерасонад. Роҷеъ ба ин масъала дар назария ва амалияи педагогӣ шартҳои муайяни назариявӣ ба вуҷуд омадаанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло мо сайъ кардем як қатор зиддиятҳоеро муайян намоем, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ мубрамияти пайдоиш ва ташаккули минбаъдаи масъулияти ахлоқии насли наврасро дар хонавода бо истифода аз анъанаҳои педагогикаи мардумии тоҷик шарҳ медиҳанд:

-зиддият дар байни мубрамият ва таваҷҷуҳи нокифоя ба асосҳои назариявии нақши кӯмаки педагогии хонавода дар ташаккули масъулияти ахлоқии насли наврас;

-зиддият дар байни аҳамият ва нокифоягии баррасии механизми таъсири сунатҳои мардумии тоҷик дар тарбияи ахлоқии наврасон дар хонавода;

- байни масъалаи баррасишавандаи ташаккули масъулияти ахлоқӣ дар наврасон ҳамчун муносибати арзишманд ба мероси педагогӣ ва шароити оилаи муосири тоҷик дар ҳифзи анъанаҳои халқии тарбия.

Ин зиддиятҳо интихоби мавзуи рисолаи илмиро муайян карданд: «Ташаккули масъулияти ахлоқии наврасон дар хонавода зимни истифода анъанаҳои тоҷикӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ».

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаҳои ташаккули шахсияти наврасон дар назария ва амалия дар асарҳои Л.Н.Божов, Л.С.Выготский,

А.Н.Леонтьев, Л.С.Рубинштейн, Д.И. Фельдштейн инъикос ѐфтаанд. Дар доираи таҳқиқотҳои ба роҳ мондашуда масъалаи ташаккули арзишҳои ахлоқӣ дар наврасон ба таври амиқтар дар асарҳои К.Д.Ушинский, Л.Н.Толстой, А., В.А.Сухомлинский, Е.Н.Мединский, И.С. И.С.Марьенко ва дигарон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Андешаҳои педагогии классикони адабиѐти тоҷику форс дар пажӯҳишҳои М.Орипов, Х.Афзалов, А.Раҳмонов, Б.Раҳимов, И.Х.Каримова, И.Ф.Шарифзода, А.Нуров, Б.Маҷидова, Д.Н.Латипов, Д.Ҷ.Файзализода, Н.М.Юнусова, Ф.Гулмадов, Д.Я.Шарипова ва дигарон инъикос ѐфта, маъмулан ғояҳои инсондӯстӣ, тарбияи поквиҷдонӣ, ҷавонмардӣ, далерӣ, меҳнатдӯстӣ, масъулиятшиносӣ ва дигар арзишҳои ахлоқӣ ҳамчун сарчашмаи тарбияи омма мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Б.Ғафуров, А.Шишов, В.Бартольд, М.Андреев, А.Мухторов, Ю.Яъқубов ва дигарон тадқиқоти худро ба таърих ва хусусиятҳои анъана ва ойинҳои мавҷудаи тоҷикон бахшидаанд.

Аз тарафи пажӯҳишгарон С.Ф.Анисимов, О.Г.Дробницкий, М.С.Солодкая, Н.А.Минкин, А.Ф.Плахотнов, Г.С.Яковлева ҷанбаҳои фалсафӣ ва иҷтимоии масъулият ошкор гардидаанд К.А.Абулханова-Славская, Л.И.Божович, С.Н.Братус, К.Муздибоев, А.А.Радуган ҷанбаи писхологии онро ошкор намуданд.

Муҳаққиқон Н.В.Антипина, Е.Н.Бобкова, О.А.Куванова, И.С.Маренко ҷанбаи педагогии масъулияти мазкурро таҳқиқ намуда, онро ҳамчун хислати шахсият иброз доштаанд.

Муҳаққиқон Л.И.Божович, К.А.Климова, Г.А.Маджарова, М.А.Осташева, С.Славина, В.А.Сухомлинский, В.Г.Рындак дар асарҳои худ масъалаи тарбияи арзишҳои ахлоқиро вобаста ба марҳилаҳои гуногуни синну сол мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Аз тарафи як қатор олимон (Е.А.Алексеева, И.В.Власюк, О.В.Кучмаева, В.Г.Рындак) ҷанбаи педагогиву писхологии тарбияи хонаводагӣ баррасӣ гардидааст.

Е.К.Васильев масъалаи потенсиали педагогии хонаводаро дар асоси натиҷаҳои таҳлили таъсири сатҳи маърифатнокӣ ва касбу шуғли падару модарон таҳқиқ намудааст. Муҳаққиқон И.В.Гребенников, А.М.Низовая, А.Я.Студенте низ дар ин самт тадқиқот бурдаанд. А.Г.Харчев ва Г.М. Минковский ба фарҳанги педагогии падару модарон таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудаанд.

Г.И.Кутсебо ва Е.Н.Наседкина дар бораи потенсиали педагогии хонавода сухан ронда, масъалаи равиши дифференсиалиро ба миѐн гузоштаанд, вале О.С.Михно, Г.Г.Силасте, И.А.Сидорина ва дигарон бошанд, дар асарҳои худ ҳамкориро дар хонавода ҳамчун хусусияти хоси ҷанбаи фарзанду волидон изҳор менамоянд.

Хусусиятҳои асосии таҳқиқи назариявӣ ва амалӣ фаъолияти комилу махсуси ҷомеаро, яъне равиши тарбияи волидонро (дастур ва муносибат) муқаррар менамоянд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ѐ мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи панҷсолаи корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоии факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои солҳои 2018-2022 дар мавзуи «Роҳҳо ва усулҳои истифодаи арзишҳои миллӣ дар таълиму тарбияи насли наврас», Муқаррароти асосии Консепсияи миллии маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи давлатии таълими насли наврас дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2017 (Фармони Ҳукумумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-ӯми августа соли 2012, №382) ба роҳ монда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Мақсади таҳқиқот.** Муайян ва асоснок кардани модели ташаккули масъулияти ахлоқӣ дар наврасон дар заминаи анъанаҳои мардумии хонаводаи муосири тоҷик.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Вобаста ба мақсади илмии пешниҳодшуда вазифаҳои зерини таҳқиқот гузошта шудаанд:

1.Таҳлили мафҳуми «масъулияти ахлоқӣ» дар байни наврасон дар адабиёти муосири психологию педагогӣ.

2. Ошкор намудани имкониятҳои истифодаи анъана ва расму оинҳои мардумии тоҷик барои ташаккули масъулияти ахлоқӣ дар оилаи муосир дар шароити ҷаҳонишавӣ.

3.Муайян намудани хусусиятҳои хонаводаҳои муосири тоҷик дар ташаккули масъулияти ахлоқии наврасон тавассути расму оинҳои халқӣ

4. Таҳияи системаи тадбирҳои самарабахш барои таъмини муҳити ахлоқӣ тавассути истифодаи анъана ва расму оинҳои мардумӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ бо мақсади мусоидат барои ташаккули масъулияти ахлоқии ҷавонон.

5.Дар таҷриба санҷидани афзалияти системаи педагогии таҳиягардида.

**Объекти таҳқиқот.** Раванди ташаккули масъулияти ахлоқӣ дар наврасон дар заминаи анъанаҳои мардумии хонаводаи муосири тоҷик дар шароити ҷаҳонишавӣ.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот.** Ташаккули масъулияти ахлоқӣ дар наврасон дар хонавода бо истифода аз расму анъанаҳои тоҷикӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ.

**Фарзияи тадқиқот** аз он иборат аст, ки истифодаи мақсаднок ва мунтазами анъанаҳои мардумии тоҷик шарти ҳалкунандаи баланд бардоштани самаранокии ташаккули арзишҳои ахлоқии наврасон дар хонавода мегардад, **агар:**

- сохтор ва моҳияти масъулияти ахлоқии наврасон дар хонаводаҳои тоҷик дар шароити кунунии ҷаҳонишавии муосир ба таври мушаххас муайян карда шуда бошанд;

- бо мақсади ташаккули арзишҳои ахлоқӣ дар байни насли наврас дар шароити кунунии ҷаҳонишавӣ шартҳои татбиқи расму оинҳои мардумии тоҷик муайян карда шуда бошанд;

- потенсиали хонаводаҳои муосири тоҷик барои ташаккули масъулияти ахлоқӣ дар наврасон тавассути расму анъанаҳои мардумӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ муайян карда шуда бошад;

- низоми самарабахши тадбирҳо оид ба фароҳам овардани муҳити ахлоқӣ тавассути анъанаҳои мардумӣ дар хонаводаҳои муосири тоҷик дар шароити ҷаҳонишавӣ барои таъмини ташаккули масъулияти ахлоқӣ таҳия шуда бошад;

- самарабахшии системаҳои педагогии пешниҳодшуда аниқ карда шаванд.

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Тибқи нақша таҳқиқот дар се марҳила анҷом дода шуд:

**Марҳилаи якум** (2014 - 2016) таҳлили адабиѐти педагогиву психологӣ, таҳқиқоти илмӣ оид ба ин масъаларо дар бар гирифта, натиҷаҳои он дар сатҳи омӯзиши масъала ифода ѐфтанд. Масъала, мавзуъ, объект, предмет, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, усулҳои он муайян карда шуданд.

Дар **марҳилаи дуюм** (2017-2019) асосҳои назариявӣ, сохтор ва мундариҷаи тарбияи арзишҳои ахлоқии наврас тавассути педагогикаи халқии тоҷик ва иқтидори педагогии хонавода таҳия ва асоснок карда шудаанд. Нақшаи кори илмӣ таҳия гардида, ҳаҷми давраҳои муайян кардан ва ташаккул додани корҳои таҷрибавӣ муқаррар гардиданд.

**Марҳилаи сеюм** (2020-2022) ҷамъбасти таҳлилӣ, танзим ва муттаҳид намудани маводи таҷрибавӣ, таҳияи хулосаҳо, таҳияи кори озмоишию таҳқиқотӣ, ба расмият даровардани натиҷаҳо ва нашри натиҷаҳои фосилавии тадқиқотро дар бар гирифтааст

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои нзариявӣ ва методологии таҳқиқот аз он иборатанд, ки:

-зарурати муносибати мунтазам ба тарбияи ахлоқӣ дар оилаҳои муосир (Н.В. Кузьмина, Г.П. Щедровицкий, И.В. Блауберг, В.Н. Сагатовский, Е.Г. Эйдемиллер, В.В. Юстицкис) тасдиқ карда мешаванд;

- равиши фаъолияти ташаккули ахлоқ дар ҷомеаи муосир (Н.М. Борытко, Л.Н. Леонтьев, Б.Ф. Ломов, М.С. Каган) тавсиф карда мешавад;

- муносибати шахсиятро ба раванди таълим олимони зерин: Е.Н.Степанов, Ю.И.Турчанинова, О.С.Газман, Е.В.Бондаревская, Э.Н.Гусинский, И.С.Якиманская ошкор намудаанд:

-дар кори тарбияи хонавода, мактаб хусусияти синну соли наврасон (А.А. Люблинская, В.С. Мухина, В.В. Давыдов, Д.И. Фельдштейн, Д.Б. Эльконин ва дигарон.) ба назар гирифта мешавад;

-ҷанбаи назариявии тарбияи ахлоқию этникии наврасон тибқи қонуну қоидаҳои ҷамъиятӣ тавсиф карда шудаанд (И.В.Гребенников, Ю.В. Самойлова, Ю.П. Азаров, О.С.Богданова, И.Ф.Гончаров, А.Ю.Гранкини дигарон).

Илова бар ин, осори мутафаккирони тоҷику форс- Ибни Сино, Саъдии Шерозӣ , Кайковус, Абдураҳмони Ҷомӣ, Закариёи Розӣ, Носири Хисрав, Аҳмади Дониш ва дигарон; тадқиқоти олимони тоҷик М.Орипов, Ҳ.Афзалов, И.Обидов, Б.Раҳимов, Қ.Б.Қодиров, Орифӣ, М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, Б.Маҷидова, Д.Ж.Файзализода, А.Паҳлавонова, И.Арабова низ асоси кори моро ташкил доданд.

**Сарчашмаҳои маълумотро** мероси классикони адабиёти тоҷику форс, пажӯҳишҳои илмии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ оид ба тарбияи ахлоқӣ, нақши анъанаҳои мардумӣ дар ташаккули ахлоқи наврасон, инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ва тарбия (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (2013); Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълим ва тарбияи фарзанд» (2011), ҳоло Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак” аз 20 июни соли 2024 (таҳти №2049); «Консепсияи миллии маориф" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2006)) ташкил мекунанд.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот** дар асоси иштироки бевоситаи амалии муҳаққиқ бо объекти таҳқиқшаванда, таҳияи барномаи таҳқиқот, муқоисаи адабиёти илмиву методӣ, психологию педагогӣ, ки нақши масъулиятро дар раванди тарбияи ахлоқии наврасон нишон медиҳад, ташкили мушоҳида (мустақим ва ғайримустақим) ва гузаронидани озмоиш (пурсишҳо, санҷишҳо, саволномаҳо), тавсиф ва натиҷагирӣ аз маълумоти таҷрибавӣ-озмоишӣ, таснифи онҳо ва ҷаъбасткунӣ бо истифода аз усулҳои эмпирикӣ - арзёбӣ, озмоиш, муқоиса, таҳлил, синтез, индуксия, дедуксия ва ғ., дар асоси маълумоти бадастомада ташаккул додани далелҳои илмие, ки дар натиҷаи истифодаи нишондиҳандахои сифатӣ, усулҳои микдорӣ, дар шакли маълумоти оморӣ дастрас гардиданд ва коркарди оқилонаи онҳо рӯи кор омадаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Корҳои таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№34, 7, 10-и шаҳри Душанбе, № 19-и ноҳияи Рӯдакӣ, №1, 2-и ноҳияи Темурмалик гузаронида шудаанд. Дар озмоиш (солҳои 2013-2021) волидайн ва фарзандони навраси онҳо, инчунин омӯзгорон (дар давраи таҳсили 2014-2016, 2019-2020) ширкат варзиданд, ки дар умум дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ 340 волидон ва 410 нафар наврасон ҷалб карда шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқотро нуқтаҳои зерин** ташкил медиҳанд:

-сохтор ва мазмуни масъулияти ахлоқии наврасон дар хонаводаи муосири тоҷик дар шароити ҷаҳонишавӣ равшан карда шуд;

- имкониятҳои истифодаи анъана ва расму оинҳои мардумӣ аз ҷониби хонаводаи тоҷик дар ташаккули масъулияти маънавии наврасон дар шароити ҷаҳонишавӣ муайян карда шуд;

- шароити педагогии татбиқи расму оинҳои мардумии тоҷикӣ дар ташаккули масъулияти ахлоқӣ дар насли наврас дар оила муайян карда шуд;

- оид ба ташаккули ахлоқ дар хонавода тавассути анъана ва расму оинҳои мардумӣ тадбирҳои муфид коркард гардиданд;

-афзалияти тадбирҳои педагогии пешниҳодкардаи система ба тариқи озмоиш санчида шуд.

**Нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Дар баробари дигаргуниҳои куллии сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва ҷаҳонишавии шуури ҷамъиятӣ муносибатҳои ба ҳам зид ривоҷ меёбанд. Омили мазкур дар мадди аввал зарурати ташаккул ва тарбияи арзишҳои ахлоқиро (меҳрубонӣ, далерӣ, таҳаммулпазирӣ, масъулиятшиносӣ, ягонагӣ, ёрии байниҳамдигарӣ, меҳнатдӯстӣ, сарбаландӣ ва ғ.) ба миён мегузорад. Дар шароити чаҳонишавӣ истифодаи расму оинҳои мардумии тоҷик дар хонавода таъсири хеле калон мерасонад.

2.Ошкор намудани мазмун ва муҳтавои педагогикаи халқии тоҷик, ки ба амалишавии мақсади тарбия-ташаккули масъулияти ахлоқии наврасон дар хонавода мусоидат менамояд.

3. Набудани тарғиби дурусти афкори педагогии халқи тоҷик дар байни аҳолӣ, мавҷудияти камбудиҳои иттилоотӣ дар аксарияти падару модарон доир ба педагогикаи халқӣ, риоя накардани урфу одат дар ташаккули масъулияти ахлоқии наврасон. Инчунин хусусиятҳои синнусолӣ ва инфиродии наврасон ва умуман тамоми илми педагогика ба назар гирифта намешавад.

4. Самарабахшии системаи пешниҳодшуда барои ташаккули масъулияти ахлоқии наврасон тавассути дохил шудани наврас ба ҷараёни тарбия ва расму оинҳои миллии тоҷикӣ, инчунин истифодаи неруи (потенсиали) тарбиявии оила бо маҷмуи шартҳои педагогиии пешниҳодшудаи зерин:

- ташаккули заминаҳои рафтори аз ҷиҳати ахлоқӣ масъулиятнок;

- ҷалби наврасон дар ҳалли ҳолатҳои мушкилие, ки ба таҷдиди андешаҳои ӯ дар бораи масъулияти ахлоқӣ таъсир мерасонанд;

-дар амал татбиқ намудани барномаи ташаккули масъулияти ахлоқӣ дар наврасон таъмин карда мешаванд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявӣ ва амалии рисола имкон медиҳад, ки:

-барои мушаххас кардани мафҳуми масъулияти ахлоқӣ аз ҳисоби ҷузъҳои сохторӣ, инчунин дигар хусусиятхо (сатҳи, эмпирикӣ, ҳолати, консептуалӣ, рефлексивӣ) тамоюлҳои инкишофи он ба назар гирифта шаванд;

-барои амалӣ намудани потенсиали педагогӣ ва муайян намудани имкониятҳои ташаккули масъулияти ахлоқии наврас дар хонавода қобилияту захираҳо ба инобат гирифта шаванд;

- оид ба ҷанбаҳои гуногуни ин раванд: дар бораи имконияти истифодабарии анъана ва расму оинҳои мардумии тоҷик ва минбаъд мушаххас кардани усулу воситаҳо пешниҳодоти илмӣ таҳия гардида, тавсеа дода шаванд .

-тадқиқоти дар озмоиш санҷидашуда ва системаи таҳияшудаи тарбияи масъулияти ахлоқии наврасон потенсиалии педагогии хонавода ва самарабахшии татбиқи онро тасдиқ менамояд, яъне роху усулҳои таҳияшудаи ташхиси психологию педагогии ташаккули масъулияти ахлоқӣ

дар насли наврас, инчунин анъана ва расму оинҳои тоҷикӣ метавонанд барои арзёбии раванди тарбия ва неруи педагогии оила муносибати объективӣ ва ҳамаҷонибаро таъмин намоянд.

Дар асоси натиҷаҳои таҳққиқот пешниҳод карда шуданд, ки:

-курси махсус барои волидон-«Тарбияи масъулияти ахлоқӣ дар наврасон» ташкил карда шавад;

-методикаи «Омӯзгор-волиди муассир» барои дастгирии хонаводаҳо ва волидон (онҳое, ки дар соҳаҳои гуногуни касбӣ кор мекунанд) тартиб дода шавад.

Барои санҷишу тасдиқи онҳо барпо намудани тренингҳо тавсия дода мешаванд.

Натиҷаҳои ба даст овардашуда барои васеъ намудани маводи назариявӣ ва амалии курсҳои махсуси педагогика ва психология дар омода кардани мутахассисон, курсҳои такмили ихтисоси муаллимон ёрии калон расонда метавонанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо бо** асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот, маҷмуи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ, ки ба дастгоҳи илмӣ ва консептуалӣ ва мақсади асосии таҳқиқот мувофиқанд, интихоб ва таҳлили шароитҳо ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ, шумораи муайяни пурсидашудагон, таҷрибаи амалии фаъолияти касбии муаллифи рисола, инъикоси натиҷаҳои таҳқиқот ва самаранокии онҳо, муътамад будани натиҷаҳои бадастомадашуда, натиҷаҳои пешниҳоди коркард ва усулҳои коркарди маълумоти оморӣ шарҳ дода мешаванд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот: банди 2 – Таърихи рушди илми педагогика ва амалияи таълим (ташаккул ва рушди афкор, консепсия, назарияи илмии педагогӣ, осори классикони адабиёти тоҷику форс, таҳқиқоти илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ оид ба тарбияи ахлоқӣ, нақши анъанаҳои мардумӣ дар ташаккули ахлоқ дар байни наврасон, инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ва тарбия қабул кардааст), банди 3-Антропологияи педагогӣ (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот;) ва банди 5 – «Назария ва концепцияи тарбия» (принсипҳои тарбияи кӯдак дар зинаҳои гуногуни ба камол расидани ӯ; асосҳои арзишии ташаккули раванди тарбия, мафҳумҳои этнопедагогии тарбия) мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар таҳлили илмию назариявии масъалаи тарбияи арзишҳои ахлоқии насли наврас тавассути анъанаҳои миллии тоҷикӣ ва потенсиали (неруи) хонавода дар;

- ҷустуҷӯйи таъминоти илмию методии ташаккули арзишхои ахлоқӣ дар наврасон бо истифода аз анъана ва расму оинҳои мардумии тоҷик дар шароити ҷаҳонишавӣ;

- ташкил ва амалигардонии қисми таҷрибавии тадқиқот, инчунин ба низом даровардани натиҷаҳои бадастомада дар таҳияи диссертатсия таҷассум меёбад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот** дар ҷараёни татбиқи амалии модели ташаккули арзишҳои ахлоқии наврасон дар заминаи муассисаҳои таҳсилотии шаҳри Душанбе ва иштирок дар конфронсҳо (умумидонишгоҳӣ, шаҳрӣ, ҷумҳуриявӣ, байналхалқӣ), ҷаласаҳои падару модарон, шуроҳои педагогии муассисаҳои такягоҳии озмоишӣ дар давраи тадқиқот сурат гирифтанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмии тақризшаванда ва маҷмуаҳои маводи конференсияҳои илмии донишгоҳӣ ва ҷумуҳуриявӣ инъикос ёфтаанд, ки аз он ҷумла 7 номгӯй аз онҳо дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 42 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** ба мантиқи таҳқиқот мувофиқат намуда, аз муқаддима, ду боб, панҷ параграф, хулоса, рӯйхати адабиёт - 197 номгӯй, 3 диаграмма, 6 ҷадвал, 1 замима иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 171 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

## МАЗМУНИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар **муқаддимаи** кори диссертатсионӣ мавзӯъ ҳамаҷониба ошкор шудааст, ки онро дурустии аҳамияти он, таҳлили дараҷаи омӯзиш, мақсади гузошташуда, мавзӯъ, объект ва вазифаҳои таҳқиқот исбот мекунад. Дар натиҷаи корҳои дар боло гузаронидашуда фарзияи таҳқиқотӣ пешниҳод гардида, навоварии таҳқиқот аниқ ва аҳамияти амалӣ ва методологии кори диссертатсионӣ нишон дода шуд. Дар кор марҳилаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда тавсиф шуда, мазмуни онҳо ошкор карда шуда, нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда дарҷ гардидаанд. Санҷишҳои гузаронидашуда ва натиҷаҳои он ҳаҷми таҳқиқоти илмии гузаронидашударо тасдиқ карданд.

**Дар боби якуми рисола - «Муносибати назариявӣ ва методологии ташаккули масъулияти ахлоқӣ дар наврасон дар заминаи анъанаҳои мардумии хонавода дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»,** ки аз ду зербанд иборат аст, роҳу усулҳои ташаккули масъулияти ахлоқӣ дар насли наврас (бо истифода аз расму ойинҳои мардумӣ) ба таври васеъ таҳлил карда шудаанд.

Проблемаҳои муҳими камолоти маънавӣ ва тарбияи ахлоқии насли наврас яке аз самтҳои асосии инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият ба шумор меравад. Бидуни дигаргунсозиҳои маънавию ахлоқӣ, шуури ҷамъиятӣ ва маърифатӣ дараҷаи баланди ахлоқу маданият ва инкишофи ҳаматарафаи шахсият имконнопазир аст. Ҷараёни ташаккули арзишҳои ахлоқӣ ва камолоти маънавии насли наврас дар шароити нав (дар шароити ҷаҳонишавӣ) масъалаи мубрами бисёрҷониба буда, ҷанбаҳои зеҳнӣ, маърифатӣ, ахлоқӣ, меҳнатӣ, ватандӯстӣ, эстетикӣ, вобастагӣ, ҷаҳонбинӣ, интернатсионалӣ, ҷанбаҳои марбут ба тарзи ҳаёти солим самтҳои асосии ин ҷараёнро ташкил мекунанд.

Муаллиф таҳлили таҳқиқоти дорои хусусияти гуногунро ба сомон расонидааст, ки натиҷаи он дарки «масъулият» ҳамчун мафҳуми асосии ахлоқ ва маънавиёт ба шумор меравад. Илова бар ин, аз тарафи файласуфон, муҳаққиқони хориҷии соҳаҳои гуногун дар байни таҳлилҳои ин мафҳум хати диагонал кашида шудааст. Дар таҳқиқот мафҳуми «масъулият» аз нуктаи назари гуногун мавриди таҳлил қарор гирифта, хусусияти сертаркиб будани сохтори ахлоқ тасдиқ гардидааст ва ҳар як сатҳ ба таври муфассал баррасӣ ёфтааст.

Дар хулосаи зербоби якум муаллиф дар шакли ҷадвал натиҷаҳои бисёрҷанбаи категорияи «масъулият»-ро пешниҳод намудааст. Дар баробари мафҳуми «масъулият» хосияти сертаркибии мафҳуми «ахлоқ» низ таҳлил карда шудааст. Бар зами ин, муаллиф ба хусусиятҳои мафҳумҳои «ахлоқ» ва «одоб» таваҷҷӯҳ намуда, мутаассиф аст, ки ин мафҳумҳо, аксаран, ҳамчун муродиф қабул мешаванд, ки ин дар ҷадвал низ инъикос ёфтааст. Дар асоси таҳлили муқоисавии мафҳумҳои пешниҳодшуда зимни таҳқиқ ҳолатҳои мавҷудаи онҳо (расмӣ ва ғайрирасмӣ) мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҳамзамон вазифаҳо ва ҷузъҳои сохтории масъулияти маънавӣ омӯхта шудаанд.

Зербоби дуюми боби якуми рисолаи илмии мазкур ба таҳлили педагогии имкониятҳои хонавода дар ташаккули масъулияти ахлоқӣ зимни тарбияи насли наврас дар асоси анъанаҳои мардумӣ бахшида шудааст. Муаллиф, дар ин замина, таваҷҷуҳи асосиро ба аҳамияти эҷодиёти шифоҳии мардумӣ, анъанаҳои пешқадами мардумӣ, сари вакт фаҳмонда додани моҳияти тафовутҳои мавҷуда дар тавсифи фарҳанги миллӣ равона намудааст. Ба ғайр аз ин, дар зербоби мазкур чунин мафҳумҳо, ба монанди «фарҳанги педагогӣ», «фарҳанги этникӣ», «фарҳанги моддӣ», «фарҳанги маънавӣ» мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Системаҳои зерсохторӣ ҳамчун пояи фарҳанги педагогӣ баррасӣ карда шудаанд.

**Боби дуюми рисолаи илмӣ- «Шартҳои педагогии ташаккули масъулияти ахлоқии наврасон дар хонаводаи муосир» пурра ба** омӯзиши хонавода ва нерӯи (потенсиали) тарбиявии он бахшида шудааст.

Дар таҳқиқотҳои фалсафӣ, сотсиологӣ вазифаҳои оила ба таври муфассал ошкор карда шуда, нақши волидайн дар ҷараёни тарбия мавриди омӯзиш қарор гирифта, муносибати байни фарзандон ва падару модарон таҳқиқ карда шуда, услуб ва стратегияҳои тарбияи хонаводагӣ, омилҳое, ки ба раванди ташаккули сифатҳои ахлоқӣ таъсир мерасонанд, инчунин омилҳои марбут ба падидаи хонавода муайян карда шудаанд. Барои тасвири мукаммали инкишофи муҳити тарбияи ахлоқӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ зарур аст, ки институти оиларо дар робитаи он бо асосҳои таърихӣ ва

иҷтимоию иқтисодие, ки дар рафти ислоҳоти демократии Тоҷикистон пас аз соҳибистиқлолият ба вуҷуд омадаанд, омӯзем.

**Зербоби якуми боби дуюм -«Ташаккули масъулияти ахлоқии наврасон дар шароити хонаводаи муосири тоҷик тавассути урфу одатҳои мардумӣ»** ба баррасии масъулияти ахлоқии наврасон дар оила бахшида шудааст. Муаллиф тадқиқоти олимони гузашта ва имрӯзаи тоҷикро дар ин самт ба риштаи таҳлил кашидааст. Дар ин самт анъана ва расму ойинҳои тарбиявии давраҳои гуногуни инкишофи таърихии мардум мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд.

Муаллиф тамоми андешахои олимонро оид ба фаҳмиши истилоҳи «анъанаҳо» ба се гурӯҳ ҷудо намуда, тавсифи ҳар яки онҳоро овардааст. Ҷамъбасту хулосаҳое, ки дар асоси натиҷаҳои таҳқиқи назариявии масъала пешниҳод гардидаанд, дар хулосаҳои боби аввал ба таври муфассал оварда шудаанд.

Қобили зикр аст, ки кори пурсамари тарбия дар хонавода, баланд бардоштани дониши педагогии падару модарон имконияти ба даст овардани натиҷаҳои баландро дар тарбияи ахлоқӣ ва ташаккули сифатҳои маънавию ахлоқии фарзандон кафолат дода метавонад. Маҳз оила дар рушди таърихии худ солимии маънавӣ ва ҷисмонии мардум, покизагии ахлоқ, эҳѐ, ҳифз ва табдили арзишҳои миллию умумибашариро, ки дар анъанаҳои тарбиявии халқ инъикос ѐфтаанд, дастгирӣ менамояд. Дар раванди кори таҳқиқотӣ муаллиф қайд кардааст, ки масъалаи тарбияи ахлоқӣ ва ташаккули ҳамаҷонибаи шахсият ҳамеша дар сатҳи сиѐсати миллии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шуда, хонавода дар ҷомеаи муосир дар асоси нуқтаҳои асосии назариявӣ ва талаботи амалии инкишофи ҷомеаи инсонӣ густариш ва ташаккул меѐбад.

Азбаски масъалаи тарбия дар хонавода ба сиѐсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шудааст ва дар байни аҳолӣ вокуниши густурда пайдо кардаанд ва пурсишҳои асосӣ дар ҳуҷҷатҳои меъѐрӣ-ҳуқуқӣ инъикос ѐфтаанд дар кори диссертатсионӣ моддаҳои 33 ва 34-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мухтасар таҳлил карда шудааст. Дар рисола, инчунин, иқтибосҳо аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (2011) (ҳоло Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак”) ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июни соли 2024 (№2049) қабул гардидааст, оварда мешаванд.

Проблемаҳои тарбияи ахлоқӣ ва тарбияи хислатҳои ахлоқи ҳамида дар наврасон, аз ҷумла масъулият дар оила ва мактаб, ҳамеша дар мадди назари муҳаққиқон қарор дошт. Аз ин лиҳоз, муаллиф ин нуқтаро дар байни

муҳаққиқон Тоҷикистон қайд мекунад. Дар вақтҳои охир ба қонуни мазкур тағйиротҳо ворид карда шуд ва ин ҳам ба коста шудани ахлоқи насли наврас вобаста аст. Бо мақсади рӯ овардан ба сарчашмаҳои ҳикмати халқӣ муаллиф на танҳо аз мавқеъи осори классикони барҷастаи адабиёти тоҷику форс (Саъди, Носири Хисрав, Аҳмади Дониш, Кайковус, М. Ғазоли, Закариёи Розӣ ва ғайра), балки таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ (М. Орипов (Орифӣ), Х. Раҳимзода, Қ.Б.Қодиров, А.Нурзода, Ё.Шерматов, Б.Маҷидова, И. Давлатшоев ва дигарон), инчунин педагогҳои рус (А. В. Луначарский, Н. К. Крупская, П. П. Блонский, А.С.Макаренко, В.А.Сухомлинский ва дигарон) низ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Барои гузаронидани таҳқиқот хонаводаҳо шартан ба гурӯҳҳо (камфарзанд, серфарзанд ва калон, қисман нопурра, омехта, ҷудошуда) тақсим карда шуданд.

Дар рисола ба мавзуи муносибатҳои аъзоҳои хонавода бо назардошти синну сол ва мақоми иҷтимоӣ дахл намуда, муаллиф диаграммаи сохтории ин муносибатҳоро пешниҳод менамояд (гарчанде муаллиф таваҷҷуҳро ба он ҷалб менамояд, ки чунин муносибат бештар барои деҳот хос аст).

Дар зер ҷадвалҳое оварда шудаанд, ки дараҷаи омодагии волидон барои татбиқи анъана ва расму оинҳоро нишон медиҳанд:

*Ҷадвали 1. дараҷаи омодагии волидон барои татбиқи анъана ва расму оинҳо*




Азбаски вазифаи ҷамъиятии хонавода тарбияи фарзандон ва ба ҳаёти оянда омода кардани онҳо мебошад, дар рисола таваҷҷуҳ ба нуқтаҳои асосии ин раванд равона карда шудааст ва дар иртибот ба он, ақидаҳои олимони тоҷик (Х. Раҳимов, И. Яҳёев ва А. Шерматов) оид ба тарбияи ахлоқӣ алоҳида дида баромада мешаванд. Муаллиф дар асоси натиҷаҳои таҳқиқ як қатор шартҳои заруриро барои самаранокии тарбияи ахлоқӣ дар оила таъкид кардааст.

Дар зербоби дуюми боби мазкур қайд карда мешавад, ки хонавода, ҳамчун муҳимтарин ячейкаи ҷомеа ба рушди ҳамаҷонибаи кӯдак аз рӯзҳои аввали ҳаёташ мусоидат мекунад. Маҳз дар доираи хонавода кӯдак ба омӯхтани олами атроф шурӯъ мекунад ва мавҷудияти худро дарк менамояд.

Дар хонавода дар фарзандон хислатҳои шахсият, аз қабили хушмуомилагӣ ва меҳнатдӯстӣ, арзишҳои ахлоқӣ, аз қабили масъулият, ваҳдат, имон, ёрии ҳамдигарӣ, муҳаббат ба табиат, садоқат ва дигар арзишҳо ташаккул меёбанд.

Оила як ниҳоди ибтидоии беназири ҷомеа буда, ба кӯдак амнияти равонӣ, дастгирӣ, қабули бечунучаро ва беғаразонаи он, манбаи таҷрибаи иҷтимоӣ, ки дар он ӯ намунаҳоро барои пайравӣ пайдо мекунад, ва таваллуди иҷтимоии ӯро медиҳад. Воситаи асосии тарбияи ахлоқ дар ин маврид системаи арзишҳои оилавӣ мебошад, ки тарзи ҳаёти хонаводаро муайян мекунад.

Таҳлили муқоисаи натиҷаҳои сифатӣ ва педагогии потенсиали хонавода тағйироти судмандро дар тарбияи масъулияти ахлоқии наврас нишон дод. Ошкор карда шуд, ки сатҳи тарбияи масъулияти ахлоқии наврасон аз ҳисоби омӯзиш ва истифодаи анъанаҳои мардумӣ ва афзоиши потенсиали педагогиии хонаводаи онҳо баланд гардид.

Дар ҷадвали зер назари волидон роҷеъ ба методҳо ва меъёрҳои тарбияи наврасон ифода ёфтааст:

*Ҷадвали 2. Назари волидон роҷеъ ба методҳо ва меъёрҳои тарбияи наврасон*

| | **Намудҳо** | **То озмоиш** | **Баъди озмоиш** |
|---|---|---|---|
| **Шумо дар хонаводаи худ аз кадом воситаҳои тарбия истифода мебаред?** | Ҳикоя, суҳбат, муколама | 64% | 61% |
| | Худ намуна | 13% | 43% |
| | Амру супориш | 17% | 18% |
| | Омӯхтан ва машқ додан | 22% | 17% |
| | Талабот | 14% | 7% |
| | Ҳавасмандкунӣ | 15% | 12% |
| | Ҷазо | | |
| **Самаранокии “педагогикаи хонаводагӣ”-и Шумо чӣ тавр ифода мешавад?** | Дар рушди шахсияти ахлоқии кӯдак | - | 26% |
| | Дар инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият | 26% | 12% |
| | Дар маҳорати фаҳмидан ва дар амал татбиқ кардани донишҳои гирифташуда. | 21% | 27% |
| | Дар нишондиҳандаҳои хуби таълимӣ | 9% | 10% |
| | Дар маҳорати фаҳмидан ва қабул кардани кӯдак чуноне, ки ӯ ҳаст. | 7% | 25% |
| | **Ҷавоб додан душвор аст.** | **37%** | **-** |

Баланд бардоштани сатҳи тарбияи ахлоқии наврас (ҳангоми истифодаи шароитҳои педагогии интихобшуда) тавассути неруи педагогии оила аз самарабахш будани модели таҳия ва санҷидашудаи сохторӣ ва функсионалии тарбияи масъулияти ахлоқӣ дар наврас шаҳодат медиҳад.

Ташаккули ҳавасмандӣ барои рафтори масъулиятноки ахлоқӣ имконият дод, ки наврас ба фаъолият ва ташкили кори тарбиявӣ ҷалб гардад, ки мақсади он муайян кардани ҳолатҳои зер мебошад:

-аз тарафи наврас аз худ намудани донишҳое, ки аҳамияти иҷтимоӣ доштани рафтори масъулияти ахлоқиро дар ҷомеаи муосир дар бар мегиранд;

- ташаккули талаботи ӯ ба чунин рафтор;

- одат кунонидани ӯ ба рафтори дорои масъулияти ахлоқӣ;

-дар рафтори ӯ ташаккул ѐфтани одатҳо ба масъулияти ахлоқӣ;

Зербоби сеюми рисолаи пешниҳодшуда ба самарабахшии кори таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба тарбияи масъулияти ахлоқии насли наврас тавассути урфу одатҳои мардумӣ равона шудааст. Бо мақсади афзудани нишондодҳои масъулияти ахлоқӣ ҳангоми таъсири падару модарон ба кӯдакон аз тарафи муаллиф дар мавзӯи «Масъулияти ахлоқӣ ва нақши он дар ташаккули шахсият» суҳбат ташкил карда шуд, ки иштирокчиѐни он бевосита наврасон буданд. Дар асоси натиҷаҳои бадастомада маълум гардид, ки муҳокима ва қабули қарорҳои муштарак ба ташаккули ҳавасмандии рафтори аз ҷиҳати ахлоқӣ масъули наврас мусоидат мекунад. Дар баробари ин, муаллиф диққати худро ба ташкили вазъиятҳои педагогӣ, ки дар рафти он дар наврасон кайфияти муайяни эҳсосотӣ ва тақвияти андешаҳоро бедор мекард, ҷои муҳимро ишғол мекард. Дар раванди гузаронидани таҳқиқот мусоҳибон ба ташкил ва пур кардани «рӯзномаҳои рефлексивӣ» ҷалб карда шуданд ва ин имконият дод, ки худи раванд ва дараҷаи ташаккули сифатҳои ахлоқӣ пайгирӣ карда шаванд.

Натиҷаҳои корҳои таҷрибавию озмоишӣ самарабахшии тарбияи масъулияти ахлоқӣ дар насли наврасро тавассути ба кор бурдани потенсиали педагогии хонавода нишон дод ва он дар ҷадвал инъикос ѐфтааст. Ҳангоми гузаронидани қисми озмоишии таҳқиқот муаллиф ба таҳлили дараҷаи ташаккули механизми психологии самтҳои арзишӣ дар наврасон дар гурӯҳи озмоишӣ натиҷаҳои мусбат қайд карда шуд.

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқ аз ҷониби муаллиф барномаи тарбияи арзишҳои ахлоқӣ-масъулиятшиносӣ дар наврас таҳия гардид.

Натиҷаҳои бадастомада ба мо имконият доданд, ки самтҳои муҳими кор бо волидон:

- фаъолсозӣ ва қабули мавқеи волидайн ва муносибати волидайн;

- зарурати аз нав дида баромадани муносибатҳои падару модар ва кӯдак ва қабули онҳоро муайян кунем:

Дар анҷоми кор натиҷаҳои умумии таҳқиқот ҷамъбаст гардида, аҳамияти давраи наврасӣ ҳамчун давраи худмуайянкунии кӯдак, ташаккули неруи маънавии ӯ таъкид гардидааст.

# ХУЛОСАҲОИ УМУМӢ

Таҳқиқотҳои гузаронидашуда ва натиҷаҳои дар рафти қисми таҷрибавӣ-озмоишӣ ба мо имконият доданд, ки ба хулосаҳои зерин оем:

1. Дигаргуниҳои куллӣ дар ҳаёти ҷомеа, тағйир ёфтани афзалиятҳо, холигии фарҳанг, бухрони фарҳангиву иқтисодӣ дар тамоми мамлакатҳо, қисман вайрон шудани тарзи куҳнаи тарбияи оилавӣ, зуҳуроти зуроварии ошкоро дар оила, тағйир ёфтани идеалҳо, ворид шудани фарҳанги бегона, мурочиат ба решаҳои миллӣ, эҳёи анъана ва урфу одатҳои миллӣ ва дигар мушкилоту масъалаҳои мубрам яке аз масъалаҳои муҳиму асосии ҷамъияти навини тоҷик дар шароити ҷаҳонишавӣ ба ҳисоб мераванд.

2.Сифатҳои нодири инфиродӣ дар инсон дар ҷомеа ва хонавода ташаккул меёбанд. Маҳз ҷомеа тавассути системаи меъёрҳо, қоидаҳо ва талаботи муқарраршуда нисбат ба шахс симои иҷтимоӣ ва мақоми инсонро муайян мекунад. Ба оила ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ дар баробари иҷро кардани вазифаи асосӣ дар ташаккули насли наврас қувваи пешбаранда ва намунаи ибрат нақши асосӣ мебозад. Маъули ташаккули ҳамаҷонибаи тасаввурот доир ба арзишҳои ахлоқӣ маҳз оила мебошад, чунки маҳз дар хонавода азхудкунии меъёрҳои ахлоқии рафтор ва танзими он дар ҳолатҳои гуногуни муоширати ҳамарӯза сурат мегирад.

3. Вазифаи эҳё, рушд ва ҳифзи масъулияти ахлоқӣ яке за масаъалаҳои мубрами мутобиқшавии инсон ба муҳити зист маҳсуб меёбад. Имрӯз, ки асолати этнофраҳангӣ шартҳои сахтарини бақои зиндагиро пеш мегузорад, ва насли наврасро водор месозад, ки арзишҳои ахлоқии худро дида бароянд. Ин ҳолатро метавон ҳамчун имтиҳони масъулияти ахлоқ ва матонат қабул кард. Дар баробари ин, набояд фаромуш кард, ки ҳолати арзишҳои фарҳангӣ ба ҳаёту фаъолияти аҳолӣ таъсир мерасонад, яъне арзишҳо мавҷуд бошанд-халқ низ зинда мемонад.

4. Косташавии идеалҳои ахлоқии ҷомеа ва ворид шудани идеалҳои бегона дар ҳаёти наврасон боиси он гардид, ҳодисаҳои ҷинояткории ноболиғон ва рафтори девиантӣ зиёд шуданд. Ҳалли ин мушкилот тавассути тағйир додани шуури ҷамъиятӣ, тарғиби донишҳои педагогӣ дар байни падару модарон, муассисаҳои таълимӣ, муассисаҳои иловагӣ иборатанд. Ва албатта ахбороте, ки наврасон ба воситаи ВАО мегиранд, ки бештар ба ахлоқи наврасон таъсири манфӣ мерасонад назорати ҷиддӣ муқаррар кардан лозим аст.

5. "Тарбияи ахлоқӣ ҳамчун ташаккули арзиши меъёрии шахсият" ҳамчун захираи асосии ҷомеаи муосир баромад карда, баъзе хусусиятҳоеро (ба фарҳанги этникӣ алоқаманд) ошкор кард, ки ба ҳаёти гуруҳҳои этникӣ равона карда шудааст. Онҳоро инчунин метавон ба ҳайси мехнаизми муҳофизаткунанда баҳри бақои гурӯҳҳои этникӣ номгузорӣ кард.

- арзишҳое, ки бо ҷомеасозӣ ва худшиносии фарҳангии шахсият алоқамандaнд, ки тавассути робитаи мутақобилаи талабо ва манфиатҳои гурӯҳҳои этникӣ ифода меёбанд;

- масъулияти маънавӣ њамчун хусусияти эътимоднокии гурухи этникӣ ва сифати низоми он.

6. Омӯзиши қобилиятҳои махсуси шахсият дар тарбияи масъулияти ахлоқии наврасро метавон чунин тавсиф кард:

- ҳадафи олӣ ва сатҳи тарбияи арзишҳои ахлоқӣ (виҷдон, вазифа, ҳисси масъулият, муҳаббат ба Ватан, шаҳрвандӣ, ватандӯстӣ, сабру тоқат, шафқат, қобилияти фарқ кардани неку бад ва ғайра;

- заминаи ташаккули арзишҳои ахлоқии наврас, хонавода ва потенсиали педагогии он;

-раванди махсуси муташаккили назоратшавандаи муносибатҳои байни волидон ва наврасон;

-муайян намудани проблемаи тарбияи масъулияти ахлоқии насли наврас бо истифодаи хусусиятҳои характерноки он (бо истифода аз воситаҳои потенсиали педагогии хонавода;

-хусусиятҳои фардӣ-психологӣ ва педагогии волидайн, хусусиятҳои он, боварии ҳамдигарӣ, ошкорбаёнӣ. Ҳамаи ин ба маданияти эмотсионалӣ, ва сатҳи тарбияи падару модар вобаста аст.

7. Муқаррар карда шуд, ки истифодаи анъанаҳои мардумӣ дар хонавода дар тарбияи ахлоқии наврас ба зуҳуроти хислатҳои шахсиятӣ ва хислатҳои падару модар дар тарбияи масъулияти ахлоқии наврас (на ҳамеша мусбат) мусоидат мекунад, яъне ба:

- ҳисси изтироб, невротизм ва асабоният;
- ноустувории худбаҳодиҳӣ;
- ҳадди пасти худтанқидкунӣ;
- ноустувории ҳолати психоэмотсионалӣ;
- пурра қабул накардани мавқеи субъекти арзишҳои ахлоқӣ – масъулият;
- таваҷҷӯҳ ба як услуби авторитарӣ нисбат ба наврaси худ.

8.Дар натиҷаи кори озмоишӣ-таҷрибавӣ модул дар асоси консептуалии модели сохторӣ ва функсионалии принсипҳои ба шахсият нигаронидашуда (инкишофи сифатҳои фардӣ) принсипҳои системавӣ ва ба фаъолият асосёфта таҳия карда шуд. Мазмуни асосии модул анъанаҳои мардумии тоҷик ва таҷрибаи педагогӣ ва захираҳои ахлоқии оиларо дар бар гирифта, дар тарбияи арзишҳои ахлоқии наврас истифода мешаванд.

9. Дар рафти таҳқиқот ҳамгироии захираи маънавии оила бо масъулияти ахлоқии насли наврас муайян кард, ки самаранокии коре, ки дар рафти таҷриба гузаронида шуд, аз тағйироти назаррас дар сатҳҳои ташаккули масъулияти ахлоқӣ ва тарбияи насли наврас ва иқтидори педагогии оила вобаста аст. Ин дигаргуниҳо аз сатҳи рефлексивии элементарӣ ва консептуалии татбиқи потенсиал иборат аст:

- баланд бардоштани сатҳи масъулияти ахлоқӣ;

- ҳангоми тарбияи маъулияти ахлоқӣ дар насли наврас дараҷаи пасти имкониятҳои оилавӣ ошкор гардид;

10.Тадқиқоти гузаронидашуда фарзияи пешниҳодшударо тасдиқ намуда, ба таври таҷрибавӣ исбот кард, ки:

- анъанаҳои мардумии тоҷикӣ ва потенсиали педагогии хонавода рафтори масъулияти ахлоқии наврасро дар ҳолати ҳавасманд шудани ӯ ба ин рафтор сифатан тағйир медиҳанд;

-ташкил ва баланд бардоштани сифати вазъиятҳои тарбиявӣ, ҷалби наврасон ба қабули қарорҳо оид ба тарбияи масъулияти ахлоқӣ мазмунан ба шахсияти онҳо мусоидат мекунанд;

- таҳия ва татбиқи барномаи тарбияи масъулияти ахлоқӣ дар наврас дар таҷриба-яке аз омилҳои мусбатест барои ба волидон омӯхтани усулҳо ва шаклҳои муносибат бо наврас.

11. Натиҷаҳои таҳқиқотҳои гузаронидашуда нишон дод, ки:

-хусусиятҳои таъсири воситаҳои педагогикаи мардумии тоҷик ба оила муайян карда шудаанд;

-дар рафти ташаккули масъулияти ахлоқии наврасон хусусиятҳои тарбия, ки ба педагогикаи мардумии тоҷик ва захираи ахлоқии оила асос меёбад муайян карда шуд.

**Тавсияҳо оид ба татбиқӣ натиҷаҳои таҳқиқот дар амалия:**

1. Тавре, ки натиҷаҳои таҳлили таҳқиқотҳои педагогӣ ва озмоишӣ-таҷрибавӣ нишон доданд,ки давраи наврасӣ дар ҳаёти инсон муҳимтарин давра ба ҳисоб меравад ва сарҳади муҳими байни ду давраи синнусолӣ мебошад. Ин аҳамият дар наврас пеш аз ҳама бо ҷустуҷӯ ва муайян кардани худ ва мавқеи худ дар ҷомеа алоқаманд аст. Ва танҳо дастгирии бевоситаи калонсолон ба наврасон барои дуруст муайян кардани мавқеи худ, интихоби дастурҳои ахлоқӣ кӯмак мекунад, ки дар байни онҳо масъулияти ахлоқӣ охирин нахоҳад буд. Маҳз ҳамин ин синну сол наврасро ба худшиносӣ ва худнамоӣ нишон медиҳад. Дар чунин ҳолатҳои баҳсбарангез оила сарчашмаи ташаккули масъулияти ахлокӣ ва сифатҳои ахлоқии ӯ мегардад.

Дар асоси натиҷаҳои бадастомада кӯшиш карда шуд, ки тавсияҳои зерин пешниҳод карда шавад:

-масъулияти ахлоқии наврас ва ҳавасмандкунии ӯ ба ин рафтор пайваста дар хонавода ташаккул дода шавад;

-наврасон ба вазъиятҳое, ки ба дарки шахсии ҳисси масъулиятшиносии ӯ дар хонавода ва мактаб мусоидат мекунанд, ҷалб карда шаванд;

- оила ва муассисаҳои таълимии муосир бояд иқтидори тарбиявии тамоми соҳаҳо ва фанҳои таълимро фаъолона татбиқ ва муайян кунанд.

-мутобиқ кардан ва ҳамгироии барномаи курси махсус барои волидон-«Тарбияи масъулияти ахлоқӣ дар наврасон»;

-методикаи «Омӯзгор-волиди муассир» барои дастгирии хонаводаҳо ва падару модарон (онҳое, ки дар соҳаҳои гуногуни ҷомеа кор мекунанд), ки ба инкишофи иқтидори педагогии оила нигаронида шудаанд, дар амалия татбиқ карда шаванд.

Барои санҷишу тасдиқи онҳо барпо намудани тренингҳо тавсия дода мешаванд. Бояд қайд кард, ки таҳқиқоти рисолаи илмӣ ва натиҷаҳои он

нишон доданд, ки истифодаи воситаҳои педагогикаи мардумии тоҷик ва потенсиали педагогии оила дар ташаккули арзишҳои ахлоқӣ таъсири назаррас дорад.

## МУҚАРРАРОТИ АСОСИИ ТАДҚИҚОТ ДАР НАШРИЯҲОИ ЗЕРИНИ МУАЛЛИФ ИНЪИКОС ЁФТААНД

**А) Мақолаҳои илмии дар нашрияҳои даврии аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда батабърасида:**

[1-М] Чобулова Н. Формирование нравственных качеств в семье. // Вестник Педагогического университета. - Душанбе, 2015. №4 (65). – С. 29-32.

[2-М] Нуров А., Чобулова Н. Роль народной педагогики в формировании нравственных ценностей подростков в семье. // Вестник Педагогического университета. - Душанбе, 2017. №1-2, (68-69). - С.3-6.

[3-М] Нуров А., Чобулова Н. Некоторые вопросы нравственного воспитания подростков в семье. // Вестник Педагогического Университета. - Душанбе, 2020.№3 (3). - С.11-14.

[4-М] Чобулова Н. Влияние глобализации на нравственность подрастающего поколения и молодѐжи в семье. // Вестник Педагогического Университета. - Душанбе, 2020. №3 (3). С.222-225.

[5-М] Чобулова Н. Влияние отца на воспитание подростков в семье при глобализации. // Вестник Педагогического университета. - Душанбе, 2022.№3 (13). С.168-174.

[6-А] Влияние социальных сетей на нравственное воспитание подростков и молодежи. //Вестник Института развития образования. № 1 (41). С.29-33. Душанбе, 2023.

[7-А] Проблема межличностных отношений подростков в обществе. //Вестник Института развития образования. № 2 (42). С. 140-144. Душанбе, 2023.

***Б) Интишороти дигар оид ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ:***

[8-А] Чобулова Н. Сабабҳои шаклгирии якравӣ дар хурдсолон. Маҷаллаи «Субҳи Умед» №5-6. С.16-19. 2011.

[9-А] Чобулова Н. Роҳҳои бартараф намудани хислати худбинӣ дар кӯдакон. Маҷаллаи «Субҳи Умед», 2013, №5, №6. - С.10-12. - С.12-14.

[10-А] Чобулова Н. Нақши оила дар тарбияи насли наврас дар шароити ҷаҳонишавӣ. // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Проблемаи тарбияи оилавии тарбияи насли наврас дар шароити ҷаҳонишавӣ». - Душанбе, 2013. - С.24-28.

[11-А] Чобулова Н. Мақоми Ян Амос Коменский дар тарбияи томактабӣ. // Мавод.конф. илмӣ-ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Нақши зан дар инкишофи илм ва таҳсилот». - Душанбе, 2014. - С.3-5.

[12-А] Чобулова Н. Хусусиятҳои зоҳиршавии худбинӣ (эгоизм) дар хурдсолон ва асосҳои педагогӣ-психологии он. // Маҷаллаи «Масъалаҳои маориф» - Душанбе, 2014.№6. - С.30-33.

[12-А] Чобулова Н. Нақши фаъолиятҳои якҷоя дар бартарафкунии хислати худбинӣ дар кӯдакон. // Маҷаллаи «Субҳи Умед» №5. С.20-23. Душанбе, 2015.

[13-А] Чобулова Н. Коменский ва мақоми ӯ дар инкишофи педагогикаи умумибашарӣ. // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Проблемаи тарбияи оилавии тарбияи насли наврас ва ҷавонон дар шароити ҷаҳонишавӣ». Душанбе, 2015. - С.35-41.

[14-А] Чобулова Н. Нравственное воспитание в семье. Мавод.конф.илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Нақши педагогикаи халқӣ дар эҳёи ҳунарҳои мардумӣ». С.259-265. Душанбе, 2018.

[15-А] Чобулова Н. Семья и нравственное воспитание подростков в современных условиях. // Мавод.конф.илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Нақши педагогикаи халқӣ дар эҳёи ҳунарҳои мардумӣ». Душанбе, 2018. - С.14-17.

[16-А] Чобулова Н. Причины возникновения эгоизма у детей в семье. Мавод.конф.илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Хушунат дар оила». - Душанбе, 2019. - С.87-90.

[17-А] Чобулова Н. Мақоми афсонаҳои халқӣ дар тарбияи ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ. // Маводи конференсияи илмӣ-амалии донишгоҳӣ дар мавзӯи «Таҳсилоти томактабӣ, таҷриба, анъана ва навгониҳо». Душанбе, 2019. - С.37-40.

[18-А] Чобулова Н. Ҳамкории оила, мактаб ва аҳли ҷомеа дар тарбияи насли наврас. // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Рушди таҳсилоти томактабӣ дар 30 соли истиқлолият». Душанбе, 2021. - С.305-308.

[19-А] Чобулова Н. Заминаҳои ташаккулёбии сифатҳои иродавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ. // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Рушди таҳсилоти томактабӣ дар 30 соли истиқлолият». Душанбе, 2021. - С.165-169.

[20-А] Чобулова Н. Муносибатҳои байнишахсӣ дар байни наврасон. // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Нақши ниҳодҳои иҷтимоӣ дар таъмини солимии психологии насли ояндасоз». Душанбе, 2022. - С. 392-401.

[21-А] Чобулова Н. Тарбияи ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ. // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Ташаккули қобилияти зеҳнии кӯдакон дар замони муосир». - Душанбе, 2022. - С. 208-213.

[22-А] Чобулова Н. Ҳамкории психологи мактаб бо оила дар тарбияи насли наврас. Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Асосҳои илмӣ-амалии фаъолияти психолог дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». С.106-108. Душанбе, 2023.

[23-А] Чобулова Н. Мушкилоти тарбияи наврасони душвортарбия дар шароити кунунӣ. Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои мубрами тарбияи хонандагони душвортарбия». С. Душанбе, 2023.

[24-А] Чобулова Н. Мақоми оила, мактаб ва аҳли ҷомеа дар инкишофи ҳаматарафаи наврасон ва ҷавонон. Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи: «Масъалаҳои иҷтимоӣ-психологии оилаи муосир ва роҳҳои таъмини устувории он». С.683-691. Душанбе, 2023.

[25-А] Чобулова Н. Таъсири муҳити иҷтимоӣ ба ташаккули шахсияти наврасон. Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи: «Масъалаҳои иҷтимоӣ-психологии оилаи муосир ва роҳҳои таъмини устувории он». С.692-700. Душанбе, 2023.

[26-А] Чобулова Н. Роҳҳои паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ. Конференсияи байналмилаллии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи: «Мактаби муосир ва проблемаи таҷрибаи пешқадами педагогӣ». С.134-138. Душанбе, 2023

[27-А] Чобулова Н. Роль преподавателя в формировании нравственных качеств подрастающего поколения. Международная научно-практическая конференция на тему: «Современная школа и проблемы передовой педагогической практики». С.203-205. Душанбе, 2023

[28-А] Чобулова Н. Мақоми омӯзгор дар осори мутафаккирони шарқ. Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Омӯзгор-проблемаҳои таҳсилоти муосир». С.141-152. Душанбе, 2024

[29-А] Чобулова Н. Проблема изучения науки, знания и профессии в трудах таджикских мыслителей. Международный научный журнал «ENDLESS LIGHT SCIENSE». №2. Almaty, Kazakhstan 2024. С.117-123

[30-А] Чобулова Н. Проблема нравственного воспитания в трудах восточных мыслителей. Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Нақш ва аҳамияти хадамоти психологӣ дар муассисаҳои таълимӣ дар пешбурд ва рушди раванди таълиму тарбия». С.232-237. Душанбе, 2024

[31-А] Чобулова Н. Масъалаи омӯзиши илму дониш ва касбу ҳунар дар осори мутафаккирони шарқ. Маводи конференсияи илмӣ-байналмилалии методӣ дар мавзӯи «Асосҳои назариявӣ-методологии омодагии касбӣ-методии омӯзгорони оянда дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи олии касбӣ тавассути технологияи муосир». Душанбе, 2024

# АННОТАЦИЯ

на диссертацию Чобуловой Наргизы Мемондуствоны на тему «Формирование нравственной ответственности у подростков в семье с использованием таджикских традиций в условиях глобализации»

**Ключевые слова:** подросток, семья, мораль, нравственность, подрастающее поколение, нравственные ценности, ответственность, общеобразовательное учреждение, народные традиции, теория и практика, личность подростка, модель, педагогические условия.

Воспитание и формирование нравственных качеств является сложной и противоречивой деятельностью семьи, образовательных учреждений и общества, так как при современном темпе развития, оптимизация данного процесса имеет свои проблемы и противоречия. При решении задач по воспитанию нравственных качеств и ответственности, в подростковом возрасте важную роль играет педагогический потенциал родителей, которые в таджикском обществе больше опираются на народные традиции, оказывающие огромное воспитательное воздействие на формирование личности ребенка-подростка.

В диссертационном исследовании рассмотрены проблемы формирования нравственной ответственности подростков при использовании таджикских народных традиций в условиях глобализации, в том числе, исследованы их теоретические предпосылки, формирование нравственной ответственности в семье, в теории и практике педагогической науки, в условиях глобализации.

Автором в соответствии с темой четко, лаконично и на научном уровне сформирован научно-понятийный аппарат диссертационной работы, что способствовало теоретическому обоснованию и практической реализации условий формирования нравственной ответственности у подростков в современных таджикских семьях, где важное место отведено использованию народных традиций, несмотря на влияние глобализационных процессов, происходящих во всем мире, в том числе, в таджикском обществе.

В ходе исследования разработана программа воспитания нравственной ответственности у подростка, которая была реализована с участием родителей и педагогов базовых школ. На основе проведѐнной экспериментальной работы установлена взаимосвязь теории и практики; определены оптимальные эффективные условия воспитания и формирования нравственной ответственности подростков, применения подростками сформированных знаний в разных условиях;

- по каждой главе диссертации сформулированы выводы в соответствии с поставленными задачами и полученными результатами по этапам экспериментальной работы;

- в заключении подтверждены достигнутые цели и задачи исследования, подтверждены выдвинутые научные гипотезы и положения, выносимые на защиту.

Полученные в ходе исследования результаты окажут огромное положительное влияние на воспитание у подростков нравственной ответственности в семье, при использовании таджикских традиций в условиях глобализации. Предложенные методические рекомендации, безусловно, содействуют улучшению формирования нравственной ответственности у подростков в семье.

Материалы диссертационной работы можно использовать при чтении лекций для родителей по воспитанию нравственных ценностей у подрастающего поколения, по истории общей педагогики, по теории и истории национальной педагогики в ВУЗах республики, в институтах повышения квалификации учителей.

## АННОТАТСИЯ

ба диссертатсияи номзадии Чобулова Наргиза Мемондуствона дар мавзуи «Ташккули масъулияти ахлоқии наврасон дар хонавода бо истифода аз анъанаҳои мардумии тоҷик дар шароити ҷаҳонишавӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогика аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст

***Калидвожаҳо:*** наврас, хонавода, ахлоқ, маънавиёт, насли наврас, арзишҳои ахлоқӣ, масъулият, муассисаи таълимӣ, анъанаҳои мардумӣ, назария ва амалия, шахсияти наврас, модел, потенсиали педагогии хонавода, раванд, шароити педагогӣ, ҷаҳонишавӣ.

Тарбия ва ташаккули сифатҳои ахлоқӣ як фаъолияти мураккаб ва баҳсбарангези хонавода, муассисаҳои таълимӣ ва ҷомеа мебошад, зеро дар суръати кунунии рушд оптимизатсияи ин раванд мушкилот ва зиддиятҳои худро дорад. Дар ҳалли масъалаҳои тарбияи сифатҳои ахлоқӣ ва масъулиятшиносӣ дар давраи наврасӣ потенсиали педагогии падару модарон, ки дар ҷомеаи тоҷик бештар ба анъанаҳои мардумӣ такя мекунанд ва дар ташаккули шахсияти наврас таъсири бузурги тарбиявӣ доранд, нақши муҳим мебозад.

Дар таҳқиқоти илмӣ масъалаҳои ташаккули масъулияти ахлоқии наврасон ҳангоми истифодаи анъанаҳои мардумии тоҷик дар шароити ҷаҳонишавӣ, аз ҷумла заминаи назариявии онҳо, ташаккули масъулияти ахлоқӣ дар оила, назария ва амалияи илми педагогӣ баррасӣ шудаанд. Муаллиф тибқи мавзуъ дастгоҳи илмию консептуалии кори рисоларо возеҳ, мухтасар ва дар сатҳи илмӣ ташаккул додааст, ки он ба асосноккунии назариявӣ ва амалисозии шартҳои ташаккули масъулияти ахлоқии наврасон дар хонаводаҳои муосири тоҷик, ки новобата аз таъсири ҷаҳонишавӣ ба истифодаи расму анъанаҳои мардумӣ аҳамияти хоса зоҳир карда мешавад, мусоидат менамояд.

Дар рафти тадқиқот барномаи тарбияи масъулияти ахлоқӣ дар насли наврас таҳия гардида, бо иштироки падару модарон ва омӯзгорони муассисаҳои такягоҳӣ дар амал татбиқ карда шудааст. Дар асоси корҳои озмоишӣ робитаи байниҳамдигарии назария ва амалия муқаррар гардида, шароити оптималии самарабахши тарбия ва ташаккули масъулияти маънавии наврасон, аз ҷониби наврасон татбиқ гардидани донишҳои ташаккулёфта дар шароитҳои гуногун муайян карда шудааст. Роҷеъ ба ҳар як боби рисола хулосаҳо тибқи вазифаҳои гузошташуда ва натиҷаҳои дар марҳилаҳои кори озмоишӣ ба даст овардашуда тартиб дода шудаанд. Дар анҷоми кор ҳадаф ва вазифаҳои бадастомадаи тадқиқот, фарзияҳои илмии пешниҳодшуда ва муқарраpоти ба ҳимоя пешниҳодшуда тасдиқи худро ёфтаанд.

Натиҷаҳои дар рафти таҳқиқот ба даст овардашуда барои тарбияи насли наврас дар хонавода бо истифода аз анъанаҳои мардумии тоҷик дар шароити ҷаҳоншавӣ таъсири мусбат мерасонад. Тавсияҳои методии пешниҳодшуда ба беҳбуди ташаккули масъулияти маънавии наврасон дар хонавода мусоидат хоҳад кард.

Маводҳои кори диссертатсияро зимни гузаронидани лексияҳо бо падару модарон роҷеъ ба тарбияи арзишҳои ахлоқии насли наврас, аз таърихи педагогикаи умумӣ, назария ва таърихи педагогикаи миллӣ дар донишгоҳҳои ҷумҳурӣ, дар донишкадаҳои такмили ихтисоси омӯзгорон истифода бурдан мумкин аст.

# ANNOTATION

on the dissertation of Chobulova Nargiza Memondustvona on the topic "Formation of moral responsibility in adolescents in the family underusing Tajik traditions in the context of globalization", which was proposed for obtaining the degree of Candidate of Pedagogical Sciences in the specialty 13.00.01-general pedagogy, history of pedagogy and education

**Keywords:** teenager, family, morality, morality, the younger generation, moral values, responsibility, educational institution, folk traditions, theory and practice, personality of a teenager, model, pedagogical conditions.

The upbringing and formation of moral qualities is a complex and controversial activity of the family, educational institutions and society, since at the current pace of development, the optimization of this process has its own problems and contradictions. In solving the problems of educating moral qualities and responsibility, in adolescence, an important role is played by the pedagogical potential of parents, who in Tajik society rely more on folk traditions that have a huge educational impact on the formation of the personality of a teenager.

In the dissertation research, the problems of the formation of moral responsibility of adolescents when using Tajik folk traditions in the context of globalization are considered, including their theoretical background, the formation of moral responsibility in the family, in the theory and practice of pedagogical science, in the context of globalization.

The author, in accordance with the topic, clearly, concisely and at the scientific level formed the scientific and conceptual apparatus of the dissertation work, which contributed to the theoretical justification and practical implementation of the conditions for the formation of moral responsibility among adolescents in modern Tajik families, where an important place is given to the use of folk traditions, despite the influence of globalization. processes taking place all over the world, including in Tajik society.

In the course of the study, a program for educating moral responsibility in a teenager was developed, which was implemented with the participation of parents and teachers of basic schools. Based on the experimental work carried out, the relationship between theory and practice was established; the optimal effective conditions for the upbringing and formation of the moral responsibility of adolescents, the application by adolescents of the formed knowledge in different conditions are determined;

- for each chapter of the dissertation, conclusions are formulated in accordance with the tasks set and the results obtained at the stages of experimental work;

- in conclusion, the achieved goals and objectives of the study are confirmed, the scientific hypotheses put forward and the provisions submitted for defense are confirmed.

The results obtained during the study will have a huge positive impact on the education of adolescents of moral responsibility in the family, using Tajik traditions in the context of globalization. The proposed methodological recommendations, of course, help to improve the formation of moral responsibility in adolescents in the family.

The materials of the dissertation work can be used when giving lectures for parents on the education of moral values in the younger generation, on the history of general pedagogy, on the theory and history of national pedagogy in the universities of the republic, in institutes for advanced training of teachers.